# 07.00.07 – мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология

*(Бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2017 № 4/1 )*

**Ихтисос**

мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология

## I. Соҳаи илме, ки аз рӯи он дараҷаи илмӣ дода мешавад

Илмҳои таърих.

**II. Тасвияти ихтисос**

Мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология – соҳаи илме мебошад, ки ба омӯзиши халқҳо,равандҳои ташаккулёбӣ ва таҳавулоти онҳо,тарзи зиндагӣ, анъанаҳои халқӣ-маданӣ,ҳамкории байни халқҳо дар ҳамаи давраҳои таърихӣ машғул аст.

**III. Соҳаҳои тадқиқот**

Масъалаҳои умуминазариявии мардумшиносӣ,қавмшиносӣ ва антропология.Таърихнигории илм, равияҳо ва мактабҳо.Этногенез ва таърихи этникӣ, равандҳои муосири халқӣ-иҷтимоӣ. Таърихи маданияти модӣ (меъмории халқӣ , либосҳои анъанавӣ, таомҳои халқӣ).Заминдории анъанавӣ, чорводорӣ, касбҳо ва ҳунарҳо.Таърихи маданияти маънавӣ ва иҷтимоӣ (донишҳои халқӣ, эътиқодот,маросимҳо ва одатҳо,ҷаҳонбинӣ,ташкилотҳои иҷтимоӣ).Мардумшиносии ҷуғрофӣ ва харитаҳои таърихӣ-мардумшиносӣ.Шаклҳои анъанавӣ ва муосири оила ва муносибатҳои оилавӣ.Масъалаҳои инкишофи халқӣ-мадании ҷамъияти тоҷикон. Таърих ва маданияти гурӯҳҳои этникии Тоҷикистон, муносибати байни халқҳо ва алоқаҳои онҳо.Усулҳо, услуб ва техникаи таҳқиқоти мардумшиносӣ.

**Ихтисосҳои алоқаманд**

03.03.02 – антропология
07.00.06 – бостоншиносӣ
07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ
07.00.02 – таърихи ватанӣ
07.00.03 – таърихи умумӣ
10.01.09 – фолклоршиносӣ
24.00.03 – осорхонашиносӣ, нигоҳдошт ва тармими объектҳои таърихи-фарҳангӣ

**V. Тафовутҳо бо ихтисосҳои алоқаманд**

Дар фарқият аз ихтисоси 03.03.02, ки дар чорчубаи он равандҳои биологии ташаккулёбии шаклҳои антропологии аҳолӣ омӯхта мешавад, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.07 ба омӯзиши равандҳои халқӣ-мадании ташаккулёбии халқҳо, ҳудудҳои этникии онҳо, маданияти анъанавӣ, забон ва худогоҳии этникӣ равона шудаанд.

Дар фарқият аз ихтисоси 07.00.06, ки дар чорчубаи он маданияти модӣ ва маънавии аҳолии қадима омӯхта мешавад, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.07ба омӯзиши халқҳои имрӯза, пайдоиш ва инкишофи онҳо, анъанаҳои халқӣ-маданӣ ва муносибатҳои байни халқҳо равона шудаанд.
Дар фарқият аз ихтисоси 07.00.09, ки дар чорчубаи он раванди инкишофи илмҳои таърих ва ҷамъоварии донишҳои таърихиро меомӯзанд, инчунин назария ва амалияи истифодабарии илмии манбаъҳои хаттии таърихиро таҳия мекунанд, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.07 ба омӯзиши таърихнигории соҳаи мушаххаси таҳқиқоти ихтисоси мазкур марбутанд.
Дар фарқият аз ихтисосҳои 07.00.02 ва 07.00.03, ки дар чорчубаи онҳо равандҳои инкишофи ҷамъият, таърихи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, таърихи умумии маданияти халқҳоро меомӯзанд, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.07 ба омӯзиши шаклҳои анъанавии маданият, ташаккул ва инкишофи халқҳо, инчунин муносибатҳои байниҳамдигарии миллӣ дахл доранд.
Дар фарқият аз ихтисоси 10.01.09, ки таҳқиқоташ ба омӯзиши шаклҳои шевагии фолклор, нигоҳ доштан ва инкишоф додани онҳо равона шудааст, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.07 шаклҳои одатӣ-маросимии ин соҳаи маданияти маънавии халқро меомӯзад.
Дар фарқият аз ихтисоси 24.00.03, ки дар чорчубаи он таърих, назария ва амалияи кори осорхонаро меомӯзанд, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.07ба омӯзиши масъалаҳои мардумшиносии осорхона машғуланд.